# ХУЛОСАИ

комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА–015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ оид ба диссертатсияи Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол дар мавзуи; «Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод шудааст.

«9» 12 2024 ш. Душанбе

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол дар мавзуи; «Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) таҳқиқоти мустақилона анҷомдодаи доктори фалсафа (PhD) ба шумор меравад. Андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулосаву тавсияҳо, ки барои такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир барои рушди иқтисоди кишвар метавонанд мусоидат намоянд, ба муаллифи диссертатсия мутааллиқ мебошанд. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби доктори фалсафа (PhD) мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои бадастомада таҷассуми худро ёфтаанд.

Таҳқиқоти илмӣ масоили марбут ба таъмини таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда яке аз ҳадафҳои муҳими субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ маҳсуб ёфта, асосноккунии равишҳои муосирро доир ба таҳияи маҷмуи тадбирҳо бо назардошти қонуниятҳои муосири иқтисодӣ – фаъолияти амалии корхонаҳои саноатӣ, падидаҳои муосир ва равандҳои истеҳсоливу тиҷорати маҳсулоти хӯрокворӣ такмил дода шудааст, ки муносибатҳои иқтисодии таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда бо пешниҳодҳои илман асоснокшуда манзур доштааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 ва 33 -и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Он фарогири масоили марбут ба меъёрҳои такмили механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи мамлакат механизмҳои молиявии буҷетии асоснок

карда шуда, механизми самараноки дастгириҳои молиявии давлатӣ дар шакли кластерҳои саноати хуроквориро дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд.

Сохтори диссертатсия ба талаботи муқарраргардида пурра мувофиқ аст. Диссертатсия дорои навгониҳои илмӣ буда, натиҷа ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифро дар таҳқиқи мавзӯи мазкур нишон медиҳанд. Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи иқтисодиёт мебошад, ки барои ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

3. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми ноябри соли 2022, №268 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя иҷозат дода шудааст, мувофиқат менамояд.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мавзӯи диссертатсия бевосита иртибот доранд. Дар интишороти илмӣ натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

5. Дар матни диссертатсияи Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардашудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла, дар корҳои аз тарафи довталаб чопгардида мавҷуд намебошанд.

Комиссияи ташхис мутобиқи бандҳои 60, 61 ва 62-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол дар мавзуи; «Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ муқарризони расмӣ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия шахсони зерин муқаррар карда шаванд:

**Шарифзода Баҳром Маҳмуд,** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент., Сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ

**Амиров Муҳаммадшариф Сабзаевич ,** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи "Фаъолияти гумрукии Донишгоҳи байналмиллали сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон"

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия **Донишгоҳи Давлатии Кулоб ба номи А. Рудакӣ** муқаррар карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи ошкоро ва ҷойгир намудани матни автореферат ва диссертатсия дар сомонаи муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ Рауфӣ А.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
дотсент аъзои Шурои диссертатсионӣ Каримова М.Т.

номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи Менеҷменти истеҳсоли
ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ Сафаров Қ.А.

Имзои профессор Рауфи.А. дотсентон Каримова М.Т ва Сафаров Қ.А – ро тасдиқ менамоям: Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.

"_09_" _12_ 2024